№9632/8.1 аз 06.06.2022

Оид ба тартиб додани санади
муқоисавӣ бо андозсупорандагон

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдрас менамояд, ки тибқи талаботи моддаи 34 Кодекси андоз, андозсупоранда уҳдадор аст, муқарраротн пешбининамудаи қонунгузории андозро риоя намуда, ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоршуда, сари вақт чораҷӯӣ намояд.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 34 Кодекси андоз, яке аз уҳдадориҳои андозсупоранда, дар мӯҳлатҳои зерин бо мақомоти андоз дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ тартиб додани санади муқоисавӣ ба шумор меравад.

1. Хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ як маротиба аз натиҷаҳои соли ҳисоботӣ.
2. Субъектҳои дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолиятдошта (ба истиснои шахсони дар асоси патент фаъолияткунанда) як маротиба ҳар нимсолаи ҳисоботӣ.
3. Шахсони дар асоси патент фаъолияткунанда як маротиба аз рӯи натиҷаи соли ҳисоботӣ.
4. Андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ фаъолиятдошта як маротиба ҳар семоҳаи ҳисоботӣ.

Санади муқоисавӣ ҳуҷҷати дуҷонибае мебошад, ки байни мақомоти андоз ва субъекти хоҷагидор тибқи талаботи Кодекси андоз ва дархост бо тартиби муқарраршуда мутобиқи маълумоти мақомоти андоз ва андозсупоранда (намояндаи андоз) бо мақсади муайян намудани дурустии маблағҳои ҳисобшуда, (ба ҳисобгирифташуда, камкардашуда) пардохтшудаи (баргардонидашуда) андозҳо, фоиз, ҷарима ва бақияи андозҳо дар рӯзи муайян тартиб дода мешавад.

Тибқи муқарраротн Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (рамзи хизматрасонӣ 08.00.00), ки бо фармоиши

Раиси Кумитаи андоз аз 28.03.2022, №170 тасдиқ карда шудааст, тартиб додани санади муқоисавӣ то 3 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муроҷиати андозсупоранда ба тариқи электронӣ пешниҳод карда мешавад. Вобаста ба ин, ба инобат гирифта шавад, ки тибқи муқаррароти Стандарти мазкур додани маълумотнома ба андозсупоранда оид ба мавҷуд набудани қарзҳои андоз пас аз тартиб додани санади муқоисавӣ амалӣ карда мешавад.

Инчунин, бо риояи талаботи Кодекси андоз ва Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон байни мақомоти андоз ва субъекти хоҷагидор дар ҳолатҳои зерин низ бояд санади муқоисавӣ тартиб дода шавад.

Аз ҷумла, ҳангоми гузаронидани санҷиши риояи қонунгузории андоз дар фаъолияти андозсупоранда, аз як низоми андозбандӣ ба дигар низоми андозбандӣ гузаштани андозсупорандагон, бо назардошти тағйир ёфтани маҳали ҷойгиршавии (истиқомат) андозсупоранда (намояндаи андоз) дар ҳолатҳои гузаштан аз як мақомоти андоз ба дигар мақомоти андоз, барҳамхурии субъекти хоҷагидор (аз ҷумла, филиал, намояндагӣ ва воҳидҳои алоҳидаи шахсони ҳуқуқӣ), ҳангоми ирсоли огоҳинома дар асоси дархости хаттии андозсупоранда, ҳангоми бо тартиби муқарраргардида ситонидани қарзи андоз аз суратҳисоби бонкии андозсупоранда (дебитори он) тавассути ирсоли қарори мақомоти андоз, супоришномаи инкассавӣ, ҳангоми бекор кардани қарор оид ба супоришномаи инкассавӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, муайян намудани саҳеҳияти маблағҳои барзиёд пардохтшуда ё ситонидашудаи андоз, ҳангоми аз ҷониби қарздорон (дебиторон) анҷом додани ҳисоббаробаркунии байниҳамдигарӣ, ҳангоми тибқи ариза дар бароӣ батаъхиргузорӣ ва ё пардохти ба мӯҳлатҳои ҷудошуда муроҷиат намудани андозсупоранда санади муқоисавӣ тартиб дода мешавад.

Тибқи муқаррароти Кодекси андоз ҷиҳати муайян намудани дурустии ӯҳдадориҳои андозии дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон мавҷуд буда, инчунин татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо тибқи тартиби муқарраршуда бо субъекти хоҷагидор тартиб додани санади муқоисавӣ новобаста аз мӯҳлатҳои дар қисми 2 моддаи 34 Кодекси андоз пешбинишуда ҳатмӣ мебошад.

Ҳамзамон, тибқи муқаррароти банди 9) қисми 1 моддаи 33 Кодекси андоз андозсупоранда ҳуқуқ дорад, ки аз мақомоти андоз санади муқоисавии тасдиқшударо оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо дар шакли электронӣ дастрас намояд.

Дар ҳолатҳои номбурда, пеш аз тартиб додани санади муқоисавӣ корманди мутасаддии шуъбаи (бахши) баҳисобгирии даромадҳо ӯҳдадор аст, ки варақаи ҳисоббаробаркунии андозсупорандаро аз рӯи ҳар як намуди андоз дар алоҳидагӣ дар ҳомили электронӣ (дар шакли формати PDF) ташаккул диҳад.

Инчунин, пас аз анҷоми ҳар як соли тақвимии ҳисоботӣ баъди бо андозсупорандагон тартиб додани санади муқоисавӣ оид ба

ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, нисбати ҳар як андозсупоранда аз рӯи ҳар як намуди андоз аз Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз барномаи компютерӣ (СМИИА) варақаҳои ҳисоббаробаркунӣ (дар шакли формати PDF) ташаккул дода, дар 2 адад фиттаи электронӣ (диск) сабт намуда, як нусхаи (фитта) онро барои назорат ба Кумитаи андоз ирсол намуда, нусхаи дуюми он дар шуъбаи (бахши) баҳисобгирии даромадҳои Нозироти андоз, барои нигоҳдорӣ тибқи санади дӯду гирифт супорида мешавад.

Бо назардошти ин, ҷиҳати пайваста назорат намудани дурустии нишондиҳандаҳои дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон мавҷуд буда, ҳар як корманди мақомоти андоз уҳдадор аст, ки ҳангоми тартиб додани санади муқоисавӣ оид ба ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, талаботҳои зеринро қатъиян риоя намоянд.

Ба пуррагӣ пешниҳод гардидани ҳисоботҳои (эъломияҳои) андоз, дурустии ба ҳисобварақаҳои андозсупорандагон дохил намудани маблағи андозҳои ҳисобшуда аз рӯи ҳисоботи (эъломияҳо) андоз, қарорҳо аз рӯи натиҷаи санадҳои санҷишии андозсупорандагон ва назорати камералӣ бояд муқоиса карда шаванд.

Дар баробари ин, қайд менамоем, ки маблағи андозҳои пардохт намудаи андозсупорандагон аз рӯи супоришномаҳои пардохтӣ ва расидҳои бонкӣ, ки аз раёсатҳои молияи шаҳру ноҳияҳо дастрас карда мешаванд бо иқтибосҳои бонкӣ муқоиса карда шуда, баъди муайян намудани дурустии онҳо ба ҳисобварақаҳои андозсупорандагон ворид карда мешавад.

Баъди аз назар гузаронидани нишондиҳандаҳои дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон мавҷуд буда, инчунин дурустии бақияи (салдо) дар охир ва аввали давраи ҳисоботи мавҷуд буда низ муайян гардида, санади муқоисавӣ тавассути барномаи компютерӣ дар шакли электронӣ ва ё хаттӣ тартиб дода шуда, ба андозсупоранда пешниҳод карда мешавад.

Илова бар ин, кормандони шуъбаҳои хизматрасонӣ ва шуъбаҳои (бахшҳои) баҳисобгирӣ ба андозсупорандагон, ки барои тартиб додани санади муқоисавӣ масъул мебошанд, ҳангоми тартиб додани санади муқоисавӣ маълумоти дар санади муқоисавӣ дарҷшударо бо маълумоти дар ҳисобҳои муҳосибавии тавозуни корхона “ҳисоббароркунӣ бо буҷет” қайд шуда низ бояд муқоиса намоянд.

Баъд аз анҷом додани муқоисаи нишондиҳандаҳо ва муайян намудани дурустии маблағи андозҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ва бақия (салдо), дар ду нусха санади муқоисавӣ тартиб дода шуда, бо муҳру имзои роҳбари мақомоти андоз, сардори шуъбаи баҳисобгирии даромадҳо, нозири мутасаддии шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва инчунин бо муҳру имзои роҳбар ва сармуҳосиби субъекти хоҷагидор тасдиқ карда мешавад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки тартиби гузаронидани бақия (салдо) аз як давра ба давраи дигар, бо назардошти аз як низоми андозбандӣ ба дигар низоми андозбандӣ гузаштани андозсупорандагон, тағйир ёфтани маҳали ҷойгиршавии (истиқомат) андозсупоранда (намояндаи андоз) дар ҳолатҳои гузаштан аз як мақомоти андоз ба дигар мақомоти андоз, тавассути барномаи компютерӣ ба таври автоматӣ ба роҳ монда шудааст. Бинобар ин, кормандони шуъба ва бахшҳои дахлдори мақомоти ҳудудии андоз бояд дурустии аз як давра ба давраи дигар тариқи автоматӣ гузаштани бақия ва дигар нишондиҳандаҳои дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон мавҷуд бударо таҳти назорат қарор диҳанд.

Ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва кам намудани муносибати корманди мақомоти андоз бо андозсупрандагон дар Кумитаи андоз шакли хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модули "Утоқи шахсии андозсупоранда" тартиб додани санади муқоисавӣ дар шакли электронӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шудааст. Тибқи тартиби мазкур, андозсупорандагон метавонанд аз хизматрасонии мазкур истифода намуда, санади муқоисавиро бе ташриф овардан ба мақомоти андоз дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Бо мақсади назорати рафти тартиб додани санадҳои муқоисавӣ, аз ҷумла дар шакли электронӣ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки ҳангоми тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо андозсупорандагон талаботи Кодекси андоз ва мактуби дастурии мазкурро риоя намуда, оид ба шумора ва натиҷаи санади муқоисавии бо андозсупорандагон тартибдодашуда, то санаи 20 моҳи баъд аз моҳи ҳисоботӣ ба Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намоянд.

Мактуби дастурии Кумитаи андоз аз 21.06.2019, №9683/5.1-д аз эътибор соқит дониста шавад.

Раис . Давлатзода